# ДАСТУРАМАЛ
# ОИДИ ПУР КАРДАНИ «ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ МОҲИПАРВАРӢ» ШАКЛИ № 24 – МОҲӢ

Ҳисоботи мазкурро ҳамаи хоҷагиҳои моҳипарварӣ новобаста аз шакли моликияташон ва ё ба кадом категорияи хоҷагиҳо аз ҷумла хоҷагиҳои ҷамъияти ва ё деҳқонӣ таълуқ доштанашон ба мақомоти омори маҳалли ҷойгирифтаашон рӯзи 1 – юми ҳар моҳ бо усули электронӣ бо истифода аз утоқи шахсии ҳисоботсупоранда ҳисоботи мазкурро пешниҳод менамоянд.

Ҳисобот дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибавӣ, борхат, санадҳои иҷрои кор, китоби баҳисобгирии ҳаҷми кор ва музди меҳнат, китоби бақайдгирии даромад ва хароҷоти хоҷагӣ бо ҷамъи афзоянда аз руи даврияти муайяншуда бо нишон додани нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва давраи ҳисоботии соли ҷорӣ пур карда мешавад.

*Дар сатри 01* «Масоҳати умумии обанборҳо, кӯлҳо ва ҳавзҳо», масоҳати умумии обанборҳо, кӯлҳо ва ҳавзҳо, ки дар тавозуни хоҷагии мазкур мебошад ва новобаста аз он, ки дар онҳо моҳӣ парвариш карда мешавад ё не ба ҳисоби гектар дар маҷмӯъ ва дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад. Аз он ҷумла дар сатри 2- масоҳати обанборҳо, сатри 3- масоҳати кӯлҳо ва сатри 4- масоҳати ҳавзҳои моҳипарварӣ нишон дода мешаванд.

*Дар сатри 4* «Сайди моҳӣ – ҳамагӣ», нишондиҳандаҳо оиди сайди моҳӣ аз обанборҳо, кӯлҳо ва ҳавзҳо дар алоҳидагӣ дар сатрҳои 5, 6 ва 8 бо ҳисоби тонна нишон дода мешавад.

*Дар сатрҳои 9 – 14* (аз сатри 5-ум) сайди моҳӣ аз рӯи намуди моҳиҳо ва миқдори моҳиҳо нишон дода мешаванд.

*Дар сатри 15* «Моҳӣ фӯрухта шуд», тамоми намуди фӯруши моҳӣ, ки ба воситаи бозорҳо, ярмаркаҳо ба тариқи бартер инчунин барои коргарони худ ба ҳисоби музди меҳнат дода шудааст ба ҳисоби тонна нишон дода мешавад. Аз сатри 16 – 21 аз он ҷумла моҳии дар сатри 15-ум фӯрухта шуда бо намудҳои моҳӣ дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад.

*Дар сатрҳои 22 - 28* «Парвариши моҳӣ – ҳамагӣ» ба ҳисоби ҳазор дона, дар ин сатр моҳичаҳои барои вазнафзункуни парвариш карда мешавад ё моҳии барои зимистонгузаронӣ дар ҳавзҳои махсус нишон дода мешавад.

*Дар сатрҳои 29- 35* «Парвариши кирмина», дар ин сатр моҳичаҳое, ки баъди аз инкубаторҳо баровардан дар ҳавзҳои махсус парвариш карда мешаванд, ба ҳисоби ҳазор дона нишон дода мешаванд.

*Дар сатри 36* «Дар давраи ҳисобот сохта ва ба истифода дода шуд: обанбор, кӯл ва ҳавзҳои моҳипарварӣ», масоҳати умумии обанбор, кӯл ва ҳавзҳои моҳипарварӣ, ки бо мақсади парвариши моҳӣ обанбор, кӯл ва ҳавзҳои моҳипарварӣ дар давраи ҳисоботи сохта шудааст ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин сатр ҳавз, кӯл ва обанборҳое, ки ба тариқи иҷора аз дигар хоҷагӣ гирифта шудааст, нишон дода намешавад.

*Дар сатри 39 «Хӯрокаи консентратӣ ворид шуд».* Дар давраи ҳисобот воридшавии хӯрокиҳои консентратӣ нишон дода мешавад ва дар сатри 40 дар рӯзи ҳисоботӣ чи қадар хӯрокии консентратӣ боқӣ мондааст нишон дода мешавад.

*Дар сатри 41* «Хароҷотҳо барои такрористеҳсолкунӣ, нигоҳ доштани захираҳои моҳии молӣ ва корҳои илмию тадқиқотӣ - ҳамагӣ» Дар ин сатр хароҷотҳо барои парвариши моҳии тухмӣ, инкубаторҳо, парвариши кирмина инчунин корҳои илмию тадқиқотӣ, хароҷотҳои музди меҳнат ва дигар намуди хароҷотҳо нишон дода мешавад. Аз он ҷумла дар сатрҳои 42 – 45 ҳар як намуди хароҷот алоҳида нишон дода мешавад.

*Дар сати 46 «*Шумораи умумии кормандони ҷалбгардида – ҳамагӣ» , ки дар корҳои вобаста ба парвариши моҳӣ кор кардаанд нишон дода мешавад ва дар сатҳои аз 47 то 49 аз ҷумла шумораи кормандони ҷалбгардида аз руи гуруҳбандӣ дар алоҳидагӣ нишон дода мешаванд.

Ҳисоботро роҳбари хоҷагии моҳипарварӣ ва сармуҳосиб имзо карда дар мӯҳлати муқарраргардида ба мақомоти омори маҳаллӣ бо усули электронӣ бо истифода аз утоқи шахсӣ пешниҳод менамоянд.

Шахсони имзокунанда барои эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисобот ва дар мӯҳлати муқарраргардида пешниҳод кардани он ҷавобгар мебошанд.